1991 20 2011 БАХОРИ ИСТИҚЛОЛ

# ГУЛНАЗАР

# ДАРЁИ КӮЧА



ББК-83,3 точик+84 точик 7-5
Г-76

15538



Г-76. Г. Келдӣ. **Дарёи кӯча**, «Маориф ва фарҳанг», 2010 – 24 саҳ.

ISBN 978-99947-1-049-2

КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДИШУДА
БАРГАРДОНЕД

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

ЧДММ Хоҷӣ Ҳасан"

# «ГАШТ»

«А» омаду «Ашт» сохт,
«Р» омаду «Рашт» сохт,
«Ҳ» омаду «Ҳашт» сохт,
«Д» омаду «Дашт» сохт.
«Г» омаду гашт-гашт,

Чизе зи ёдаш нагзашт.
Гуфтам:
Эй «Г»-и нодон,
Чаро ки мондӣ
ҳайрон?
Гардиш кун дуру
дароз,
«Гашт»-и худро ту
ҳам соз.








# ДАРЁИ КӮЧА

Кӯча мисоли дарё
Шому саҳар равон аст,
Мавҷе, ки мехурӯшад,
Он мавҷи одамон аст.

Дарё равад ба саҳро,
Аз пайи гулфишонӣ,
Дарёи кӯча бошад
Дарёи зиндагонӣ.

Гар обро надонӣ,
Гардӣ ту ғарқи дарё.
Дарёи кӯчаҳо низ
Касро барад ба ҳар ҷо.

Вақте ки мавҷи шӯхи
Дарёи кӯча ҳастӣ,
Фаҳмида бошу ҳушёр,
Ҳаргиз марав ба пастӣ.

Ту бо дарёи кӯча
Равӣ ба кӯи уммед,
Роҳи ту роҳи бахт аст,
Рӯят ба сӯйи хуршед.

Дарёи кӯча пок аст,
Дарёи кӯча – мардум.
Дониста по гузорӣ,
Худро намекунӣ гум.



# БЕДОНА

Баҳри ту бедона
Мехонад тарона:

«Пит – питиҳ,
Пит – питиҳ,
Об бидеҳ,
Дон бидеҳ!»

Баҳри ман дар хона
Менолад бедона:

«Пит – питиҳ,
Пит – питиҳ,
Сар бидеҳ,
Пар бидеҳ!»

Ёд кунад кӯҳдара,
Дашти сабз,шаршара:

«Пит – питиҳ,
Пит – питиҳ,
Кун раҳо
Дар ҳаво!»

Бедона дар қафас
Менолад ба ҳар кас:

«Пит – питиҳ,
Пит – питиҳ,
Сарам деҳ,
Парам деҳ!»



# БАРО, ЭЙ ОФТОБ!

Сабза мегӯяд:
– Баро, эй Офтоб!
Аз бори шабнам
Дорам ман азоб.

Мегӯяд гунҷишк:
– Баро, эй Офтоб!
Ба ман нафорад
Хобу хобу хоб.

Дарё мегӯяд:
– Баро, эй Офтоб!
Ҷило бубахшам
Чун нуқраи об.

Бону мегӯяд:
– Баро, эй Офтоб!
Бе мактаб зиқ шуд
Дафтару китоб.

# ГИРЯИ ҲАРФҲО

Дар тани чанор
Навишта Ансор:
«Ҷон модари ман,
Тоҷи сари ман!»

Аз тани чанор
Бо айби Ансор
Чак-чак чакад об
Монанди зардоб.

Мегиряд гӯё
Бо чашми ҳарфҳо,
Аз тани чанор
Модари Ансор.

Эй ҷӯра Ансор,
Ин чӣ гапу кор
Бо модари худ,
Тоҷи сари худ?!



# «НЕ!»

*«Не!» барои «Не!» гуфтан,*
*«Не!» гуфтану накардан,*
*Агар бори каҷ бошад,*
*То ба манзил набурдан.*

*«Не!» барои «Не!» гуфтан,*
*«Не!» гуфтану накардан,*
*Агар нони ҳаром аст,*
*Нагрифтану нахӯрдан.*

*«Не!» – аз бадӣ халосӣ,*
*«Не!» – роҳи рост рафтан,*
*«Не!» – аз дурӯғ гурехтан,*
*Фақат гапи ҳақ гуфтан.*

*Агар кори хуб бошад,*
*«Не!» гуфтан айби айб аст,*
*Агар раҳи рост бошад,*
*Нарафтан айби айб аст.*

*Дарё намегӯяд: «Не!»*
*Чунки саҳро интизор.*
*Офтоб намегӯяд: «Не!»*
*Чунки ба мардум даркор.*

*«Не!» барои «Не!» гуфтан,*
*Агар бувад дар ҷояш.*
*Агар ки ноҷо бошад,*
*Мо хонем норавояш.*



# МАЙНАИ БУЛБУЛ

Майна ҳам булбул шудаст?
Ё ошиқи гул шудаст?

Хонад чунон васфи гул,
Фарқ накунӣ аз булбул.

Чаҳ-чаҳ занад ҳар саҳар
Аз сари шохаи тар.

Булбул ҳайрони майна,
Ҳам гул ҳайрони майна.

Ҳайрони майна бобом,
Ҳайрони майна додом.

Ҳайрон нашавед асло
Аз ин оҳангу наво.

Вақте ки бишкуфад гул,
Ҳама мешавад булбул.





# КӮЛМАК

Якҷо шуд оби борон,
Дарё шуд оби борон,

Аз кӯчаҳо гузар кард,
Ба дуриҳо сафар кард.

Дар пеши дари Сӯҳроб
Пайдо шуд кӯлмаки об.

Давидему давидем,
Сари кӯлмак расидем.

Ғарчи обаш чиркин буд,
Кӯлмаки беҳтарин буд.

Нигаҳ кардему дидем,
Дидему зуд фаҳмидем,

Ки мӯрчае дар кӯлмак
Ғарқ мешавад бедарак.

Хас партофтем як пора
Саросема.
Якбора

Ҷони мӯрча даромад,
Болои хас баромад.

Хасро ба соҳил бурдем,
Мӯрчаро манзил бурдем.



## ЯКУ

**Яку яку яку як,**
**Шунав маро нағзакак:**
*– Тобистон, эй тобистон,*
*Тоби худро биистон!*
*Дараву ёла хушкид,*
*Савсану лола хушкид.*
*Чун сабзаам масӯзон*
*Ҳама шабону рӯзон.*



## ДУЮ

**Дую дую дую ду,**
**Назар бикун ба ин сӯ:**
*– Тирамоҳ, эй тирамоҳ,*
*Аз дасти ту тира моҳ!*
*Ғавгою корат бисёр,*
*Чангу ғуборат бисёр.*
*Ту маро тира макун,*
*Табъамро хира макун.*



## СЕЮ

**Сею сею сею се,**
**Гӯям ҳарфи дилрасе:**
*– Зимистон, эй зимистон,*
*Сардиятро биистон!*
*Замин таги ях шуда,*
*Гӯё ҷаҳон шах шуда.*
*Дилам, ки доим гарм аст,*
*Саропои ман нарм аст.*



## ЧОР

**Чору чору чору чор,**
**Ба гапи ман гӯш дор:**
*– Баҳорон, эй баҳорон,*
*Баҳори лолазорон!*
*Маро бикун шукуфон*
*Чу ғунчаҳои хандон.*
*Ману ту бехазонем,*
*Чаро ки хоҳаронем!*

# ТАШНАГӢ

Ташнагӣ ҳамчун офтоб
Сӯзонад ҷони моро,
Ташнагӣ мисли саҳро
Фурӯ барад дарёро.

Ташнагӣ гул надонад,
Нашносад сабзаҳоро,
Ташнагӣ хушк созад
Ноку себу хурморо.

Ташнагиро нашканад
Қанду наботу ҳалво.
Вақте ки ташна бошӣ,
Намефорад тамошо.

Давои ташнагӣ чист?
Обу обу об фақат!
Ба қадри об расидан
Ба мо фарз асту суннат!





# СОЛИ МАЙМУН

Соли нав омад
Чун Соли Маймун.
Тамошо равем
Шодона акиун.

«Боғи ҳайвонот»
Ҳайвонаш афзун.
Аммо равем мо
Дидани маймун.

Дар киса дорем
Себу афлесун,
Имрӯз ид аст
Барои маймун.

Хонем ӯро
Аз хона берун.
Гӯем: – Хуш бош
Дар Соли Маймун!

# ОҲАНГИ ТОЗА

Кабки Сиёвуш
Дар қафас хомӯш.
Мехонад хурӯс:
«Оҳо, қуд – қудус!»
Мехонад кафтар,
Тӯтии хушпар,
Мехонад булбул
Аз шохаи гул.
Дар боғ – тарона,
Суруд – дар хона.
Кабки Сиёвуш
Дар қафас хомӯш.
Андешаманд аст,
Ба коре банд аст:
Месозад оҳанг,
Оҳанги садранг.
Оҳанги тоза,
Дар деҳ овоза!





# СЕЛОБ

Ногаҳ як бача омад,
Аз сӯйи кӯча омад.
Ҳою ҳуяш дар осмон,
Ҳама дар наздаш ҳайрон:
Ҳайрон беди лаби ҷӯ,
Зардолую шафтолу.
Ҳайрон санги сари роҳ,
Мӯсафеду мӯсиёҳ.
Ҳайрон дару дарвоза,
Ҳам току ҳам хавоза.
Номи ин бача – Селоб,
Ин бачаи беодоб.
Умри сараш – як лаҳза,
Карру фараш – як лаҳза.



# ДАРЁ

Дарё ҳам лаб мезанад,
Гӯё ки гап мезанад.
Худро ба рост мезанад,
Худро ба чап мезанад.

Гӯяд, ки: «Эй кӯҳи пир,
Роҳи маро ту нагир.
Меравам сӯи саҳро,
Меравам сӯи адир.

Гандуму наску ҷавдор,
Себу олую анор,
Раҳи маро мепоянд
Ташналабу бемадор».

Дарё, ки дорад шитоб,
Мезанад сад печутоб.
Эй кӯҳ, раҳашро нагир,
Мекунад кори савоб.

# СӮЗАНБАРГ

Дарахти себ чӣ дорад?
Себи хушбӯ, медонӣ.
Дарахти нок чӣ дорад?
Ноки хушрӯ, медонӣ.

Аммо боре нигаҳ кун
Бар дарахти сӯзанбарг.
Барги тези варо ту
Сӯзан бигӯй бефарқ.

Барои чӣ дар ҷангал
Лозим сӯзани бисёр?
Барои хирсу паланг,
Баҳри зоғу лошахор.

Агар ҷомаи онҳо
Дарад аз боду борон,
Сӯзан гирифта ба даст,
Дарбеҳ кунанд он замон.





# КАЙ МЕБИЁЯД ДОДОМ?

Кай гул мекунад бодом?
Кай мебиёяд додом?
Додом аз шаҳри Кобул
Меояд мавсими ғул.
Салом орад фаровон
Аз баччаҳои афғон.
Орад чаҳ-чаҳи булбул
Аз боғу роғи Кобул.
Ранг оварад армуғон
Аз теппаҳои афғон.
Кай гул мекунад бодом?
Кай мебиёяд додом?



# ПАЗМОНӢ

Чиҳо, чиҳо, чиҳо шуд?
Шарифамо куҷо шуд?
Базеби мо куҷо шуд?

Ду рӯи гулфишонаш,
Ду чашми меҳрубонаш
Азизи ҷони мо шуд.

Лаби ӯ пуртабассум,
Дили кас мезанад гум,
Дугона бебаҳо шуд!

Бе ӯ ҳама кас дилтанг,
Бе ӯ ҳама ҷо беранг,
Чаро ки камнамо шуд?

Равам пеши дугона,
Дугонаи ягона,
Бинам, ки ӯ куҷо шуд.



# ДОДОМ МЕХОНАД КИТОБ

Майна, макун ту чур-чур,
Мошон, макун ту хур-хур,
Мошин, макун ту ғур-ғур,
Додом мехонад китоб.

Дилафрӯзу Дилором
Хобидаанд ором.
Зери дарахти бодом
Додом мехонад китоб.

Сайри ҷаҳон меравад,
Дар як замон меравад,
Аз мо ниҳон меравад,
Додом мехонад китоб.

Аз саҳро бигзарад зуд,
Аз дарё бигзарад зуд,
Аз кӯҳҳо бигзарад зуд,
Додом мехонад китоб.

Аз замин то Каҳкашон
Мисли кайҳоннавардон
Раҳи ӯ саҳлу осон—
Додом мехонад китоб.

Ҳар гаҳ ки калон шавам,
Чун ӯ китобхон шавам,
Баччаи пурдон шавам –
Додом мехонад китоб.





# ҚАЛЪАИ МУҒ

Чун хонаи уқобон
Метобад аз баландӣ.
Ҳар хишти он медиҳад
Дарси мушкилписандӣ.

Сар мешавад баҳри ман
Аз Қалъаи Муғ Ватан.

Қалъа нагаҳбон будаст
Боғу чамани моро.
Мисли кӯҳе бастааст
Роҳи душмани моро.

Сар мешавад баҳри ман
Аз Қалъаи Муғ Ватан.

Нишони қаҳрамонон
Дар дили он зинда монд.
Ситораи бахти мо
Намурду тобанда монд.

Сар мешавад баҳри ман
Аз Қалъаи Муғ Ватан.

Аз Хуҷанд то ба Помир,
Кишвари мо беҳудуд.
Бо ҳама шаҳру деҳот,
Бо ҳама дараву рӯд

Китобхонаи давлатии бачагонаи
Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи
М. Миршакар
15538

# ГЕНЕРАЛ

Бобои мо – генерал,
Яктои мо – генерал,
Донои мо – генерал,
Бобои мо – генерал.

Сараш ҳамеша баланд,
Кони насиҳату панд,
Суханҳояш мисли қанд,
Бобои мо – генерал.

Ӯ шамъу мо парвона,
Ӯ ҷону мо ҷонона,
Ҳар рӯз ид аст дар хона,
Бобои мо – генерал.

Бобои мо қаҳрамон,
Номдори Тоҷикистон,
Орденҳояш фаровон,
Бобои мо – генерал.

Генерали хурсандӣ,
Мардию сарбаландӣ,
Хубию дилписандӣ,
Бобои мо – генерал.

Мегӯяд бобои мо:
«Генерали ман – шумо!»
Мо ҳам мегӯем якҷо:
«Бобои мо – генерал!»



# МУНДАРИЧА


«Гашт»..............................................3

Дарёи кӯча ......................................4

Бедона ...............................................5

Баро, эй офтоб! ...............................6

Гиряи ҳарфҳо ....................................7

«Не!» ..................................................8

Майнаи булбул...................................9

Кӯлмак ..............................................10

Яку дую сею чор ............................11

Ташнагӣ .............................................12

Соли маймун ....................................13

Оҳанги тоза ......................................14

Селоб ................................................15

Дарё ..................................................16

Сӯзанбарг .........................................17

Кай мебиёяд додом? .......................18

Пазмонӣ ............................................19

Додом мехонад китоб .....................20

Қалъаи Муғ .......................................21

Генерал .............................................22

Гулназар Келдӣ

# ДАРЁИ КӮЧА

**Муҳаррир – Холов М.**

**Муҳаррири техникӣ – Камолов А.**

**Рассом – Ҷалилова З.**

**Ҳуруфчин – Ҷӯраева З.**

**Тарроҳ – Галимов Р.**

Ба матбаа 02.08.10 супорида шуд. Ба чопаш 15.10.10 имзо шуд.
Андозаи 60x84 1/8. Ҷузъи чопӣ 2. Чопи офсет. Коғази офсетӣ.
Супориши №67. Адади нашр 5000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 17.
Тел/факс: 233-93-97. E-mail: najmiddin64@mail.ru.

Дар ҶДММ "Орбита" чоп шудааст.

МАОРИФ ВА ФАРҲАНГ

9 789994 710492